**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-093–и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Шодмонзода Орзу Шодмон дар мавзуи «Вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Данғара дар замони Шуравӣ ва давраи Истиқлол» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 –Таърихи ватанӣ)**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои таърих, профессор Абулҳаев Р., доктори илмҳои таърих Қурбонова Ш.И. ва доктори илмҳои таърих Ҳасанова М.Ф. бо таҳқиқоти диссертатсионии Шодмонзода Орзу Шодмон дар мавзуи «Вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Данғара дар замони Шуравӣ ва давраи Истиқлол» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 –Таърихи ватанӣ) мувофиқат мекунад.

Рисолаи номзадии Шодмонзода Орзу Шодмон дар мавзуи «Вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Данғара дар замони Шуравӣ ва давраи Истиқлол», ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст, таҳқиқоти мустақилонаи илмӣ ва ҷамъбастшуда буда, ба талаботи муқаррарнамудаи рисолаҳои номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих пурра ҷавобгӯ мебошад. Рисола ба омӯзиши вазъи дигаргунсозиҳо дар ҳаёти сиёсию маъмурӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғара дар ду марҳалаи муҳимми таърихӣ - замони шуравӣ ва давраи истиқлол (с. 1921–2021), дар асоси маводи амиқи бойгонӣ, маълумоти матбуоти даврии расмӣ ва адабиёти илмии мавҷуда мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

**Таҳқиқоти диссертатсионии** Шодмонзода Орзу Шодмон ба яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами таърихи халқи тоҷик инъикоси таърихи начандон дурияке аз калонтарин минтақаи маъмирии ҷумҳурӣ – ноҳияи Данғара бахшида шуда, дар кафедраи «Таърихи умумӣ ва илмҳои ҷомеашиносӣ»-и Донишгоҳи давлатии Данғара омода ва мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Бо соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳалаи нав дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик ёфт ва истиқлоли давлатӣ имкони фарохи дастрасӣ ба сарчашмаҳои таърихӣ, хоса ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва истифодаи усулҳои муосири таҳқиқро фароҳам овард. Дар ин замина илми таърих ҳамчун яке аз воситаҳои асосии худшиносии миллӣ ва таҳкими ваҳдату ягонагӣ дар ҷомеаи муосири тоҷик нақши калидӣ касб намуд.

Ноҳияи Данғара, ки соли 1932 таъсис ёфтааст, дар давраи шуравӣ аз як гӯшаи ақибмондаи Бухорои Шарқӣ ба ноҳияи пешрафтаи кишоварзӣ табдил ёфт. Дар давраи соҳибистиқлолӣ бошад, дар партави сиёсати созандаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ноҳияи мазкур симои нав гирифта, ба маркази муҳимми саноатию кишоварзӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ табдил ёфт. Аммо то имрӯз таърихи ташаккул ва рушди Данғара ҳамчун як ноҳияи калидии аграрию саноатӣ дар доираи рисолаи алоҳидаи илмӣ ҳамаҷониба таҳқиқ нашудааст. Аз ин ҷост, ки мавзӯи мазкур дорои аҳаммияти мубрам ва арзиши назаррас дар илми таърихшиносии муосири тоҷик мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он ифода меёбад, ки ӯ дар асоси манбаъҳои муътамад, пеш аз ҳама маводи бойгонӣ, ҳуҷҷатҳои расмии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, маводи матбуоти даврӣ, шумораи зиёди асарҳои илмии нашргардида роҷеъ ба ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғара дар замони шуравӣ ва истиқлол (1921–2021) таҳқиқоти маҷмӯии нисбатан мукаммали илмиро бори аввал дар таърихнигории ватанӣ ба анҷом расонидааст. Дар натиҷаи таҳқиқ ва омӯзиши сарчашмаҳои мухталиф ва адабиёти илмӣ муҳаққиқ таърихи давраи навтарини ноҳияи Данғара, яке аз калонтарин марказҳои агросаноатии ҷумҳуриро пешниҳод намудааст.

Доир ба натиҷаҳои таҳқиқот, ки бо кори диссертатсионӣ алоқамананданд, 15 мақолаи илмӣ нашр кардааст, ки аз он 6 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ба чоп шудаанд.

Мақсаду вазифаҳои таҳқиқоти мазкур инъикоси таърихи ташаккул ва рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғара дар давраи шуравӣ ва замони соҳибистиқлолӣ мебошад. Барои амалӣ намудани ин ҳадаф, вазифаҳои зерин муайян карда шуданд: омӯхтани мавқеи ҷуғрофию маъмурии ноҳия ва хусусиятҳои хоси он; таҳлили ташаккулёбӣ ва фаъолияти ноҳияи Данғара ҳамчун воҳиди маъмурӣ дар замони шуравӣ ва шароити иқтисодию иҷтимоии он; муайян ва асоснок кардани манобеъ ва иқтидори истеҳсолии ноҳия; тасвири ҳаёти фарҳангӣ ва дастовардҳои он дар давраи шуравӣ; баррасии буҳронҳои иқтисодию иҷтимоӣ дар ибтидои давраи соҳибистиқлолӣ ва таъсири онҳо ба ҳаёти ноҳия; инъикоси тадбирҳо ва омилҳои асосии рушди саноат ва табдили ноҳия ба маркази калони саноатӣ; омӯзиши раванди ислоҳоти соҳаи маориф ва ташаккули низоми таълимоти касбӣ ва баррасии таҳаввулот дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳия дар давраи соҳибистиқлолӣ.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки бори аввал дар доираи як рисолаи илмӣ ташкилёбӣ ва рушди ноҳияи Данғара, вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии он, ҳамчунин равандҳои табдилёбӣ ба маркази калони кишоварзӣ ва саноатӣ дар ду марҳалаи таърихӣ - замони шуравӣ ва давраи соҳибистиқлолӣ-ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ бори аввал дар асоси таҳлили доираи васеи маводи бойгонӣ, маълумоти омориву санадҳои меъёрӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ ва адабиёти илмӣ таърихи ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғара дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ ва Истиқлол (1921–2021) ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор гирифт. Натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии таҳқиқот ба раванди омӯзиши таърихи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон, хоса таърихи давраи навтарини халқи тоҷик, ба мутахассисони соҳаи таърих ва дигар илмҳои ҷомеашиносӣ мусоидат хоҳанд кард. Маводи диссертатсия дар раванди таълим ва омӯзиши фанҳои ҷомеашиносӣ, пеш аз ҳама «Таърихи халқи тоҷик», «Таърихи муосири Тоҷикистон», «Таърихнигории таърихи халқи тоҷик» ва курсҳои махсус оид ба таърихи давраи навтарин ба таври васеъ истифода хоҳанд шуд.

Хулосаҳо ва таҳлилҳои илмии рисола барои нишон додани вазъи ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғара дар замони Иттиҳоди Шуравӣ ва Истиқлол ҳангоми таълифи асарҳои ҷомеи бунёдӣ оид ба таърихи кишвар ва вилояти Хатлон метавонанд мавриди истифода қарор гиранд.

Автореферати рисола ба талаботи имрӯзаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ пурра ҷавобгӯ буда, мазмун ва муҳтавои диссертатсияро ҳамаҷониба инъикос менамояд ва ба чоп тавсия дода мешавад.

Ҳамин тавр, комиссияи экспертӣ хулоса менамояд, ки диссертатсия аз ҷониби Шодмонзода Орзу Шодмон таҳияшуда таҳқиқоти илмии мустақилона ва ҷамъбастшуда буда, муаллифи рисола мақсаду вазифаҳои дар пешгузоштаро пурра иҷро намудааст, асосҳои методологӣ ва методҳои илме, ки истифода шудаанд, ҷавобгӯи талаботи муосири илм мебошанд. Аз рӯйи натиҷаҳои ба дастомада, истифодаи амалӣ ва сифати таҳқиқ, рисола ба талаботи муқаррарнамудаи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) ба ҳимоя тавсия дода мешавад.

Комиссияи эксперти диссертатсияи Шодмонзода Орзу Шодмон дар мазуи «Вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Данғара дар замони Шуравӣ ва даврaи Истиқлол» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02–Таърихи ватанӣ) дар асоси банди 60-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»,

**ҚАРОР КАРД:**

1.Диссертатсияи Шодмонзода Орзу Шодмон дар мавзуи «Вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Данғара дар замони Шуравӣ ва даврaи Истиқлол» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 –Таърихи ватанӣ) ба ҳимоя кабул карда шавад.

2. Комиссияи эксперта муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ - таҳқиқотиашон ба ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 –Таърихи ватанӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Ализода Баҳриддини Пирмуҳаммад** – доктори илмҳои таърих, и.в. профессор, директори Пажӯҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

– **Наҷмиддинов Толибшо Ашурович** – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

3. **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** ба ҳайси муассисаи пешбар таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир кардани эълони ҳимояи диссертатсия дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 нусха) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхис:**
доктори илмҳои таърих, профессор Абулҳаев Р.

**Аъзои комиссияи ташхис:**
доктори илмҳои таърих Қурбонова Ш.И.

доктори илмҳои таърих Ҳасанова М.М.

*Имзоҳои Абулҳаев Р., Қурбонова Ш.И. ва Ҳасанова М.М.-ро тасдиқ мекунам:*

**Нозири калони шуъбаи кадрҳои Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ** **Файзуллоева Г.К.**

*«02» 09 2025*